**Н. С. ЗАЙНИДДИНОВ**
**Ҳ. Ҳ. МУНАВВАРОВ**

# ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ

Китоб барои дарсҳои тарбиявии хонандагони синфҳои 1 – 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**ББК-74.26 Я 72**
**З-88**

**З-88.** Н.С.Зайниддинов, Ҳ. Ҳ. Мунавваров. **Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ.** Китоб барои дарсҳои тарбиявии хонандагони синфҳои 1 – 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017. 72 саҳ.

## Хонандаи азиз!

Китоби мазкур барои гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардида, роҳбарони синф метавонанд ҳангоми таҳияи нақшаи корӣ вобаста ба шароити маҳал ва синну соли хонандагон мавзӯъҳои заруриро интихоб намоянд.

## Ҷадвали истифодаи китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**© Н.С.Зайниддинов**
**© Маориф, 2017**
**Моликияти давлат**

**ISBN 978-99947-1-446-9**

# САРСУХАН

Бачаҳои азиз! Ҳар кадоми шумо борҳо дар роҳ мошинҳои гуногунро дидаед, ки аз субҳ то шаб доимо дар ҳаракат мебошанд ва шояд номи аксари онҳоро медонед. Ҳар мошине, ки дар роҳ мебинед, барои иҷрои коре дар ҳаракат аст. Яке мусофиронро аз ҷое ба ҷое мебараду дигаре бор мекашонад, яке барои хомӯш кардани сӯхтор шитоб дораду дигаре барои наҷот додани ҳаёти одамон. Ҳамаи ин мошинҳоро дар якҷоягӣ воситаи нақлиёт меноманд, ки ҳаёти имрӯзаро бе он тасаввур кардан номумкин аст.

Барои он ки ҳаракати бехатари ин мошинҳо дар роҳ таъмин карда шавад, ронандагони тамоми воситаҳои нақлиёт ва одамон ҳангоми ҳаракат дар роҳ бояд ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ба таври ҳатмӣ риоя кунанд. Риоя накардан ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ҳам барои ронандагон ва ҳам барои пиёдагардон бисёр хатарнок буда, метавонад боиси рух додани ҳодисаҳои нохуш гардад.

Шумо дар синфҳои 1 – 2 ба қоидаҳои одитарини ҳаракат дар роҳ: ҳаракат дар кӯчаву роҳҳо, қоидаҳои гузаштан аз роҳ ва гузаргоҳ, намудҳои роҳ, ишораҳои чароғи роҳнамо, аломатҳою нишонаҳои роҳ ва қоидаҳои асосии бехатарӣ дар

кӯчаву роҳҳо шинос мешавед, ки донистану риоя кардани онҳо барои таъмини ҳаёти солими шумо аҳамияти бағоят муҳим дорад.

Ҳангоми омӯзиши “Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ” шумо пай мебаред, ки чароғҳои роҳнамо барои чӣ хизмат мекунанд, роҳро аз кучҷо гузаштан мумкин аст ва аз кучҷо гузаштан мумкин нест, рафтору амали шумо ҳангоми ҳаракат дар роҳ бояд чӣ гуна  бошад, пиёдагардон ҳангоми ҳаракат дар роҳ чӣ гуна бояд рафтор кунанд ва ғ.

Дар навбати аввал шумо бояд роҳи ҳаракати худро аз хона то ба мактаб хуб донед. Ҳангоме ки падару модарон ҳар рӯз шуморо аз хона то дари мактаб гусел мекунанд, диққат диҳед, ки аз кучҷо шуморо аз роҳ мегузаронанд, дар кучҷо чароғи роҳнамо гузошта шудааст, ҳангоми фурӯзон будани кадом ишораи чароғи роҳнамо роҳро гузаштан мумкин аст, аз кучҷо роҳро гузаштан хатарнок ё қатъиян мумкин нест. Зеро баъзан мавридҳое мешаванд, ки падару модар ва ё онҳое, ки ҳар рӯз шуморо то ба мактаб меоранд, бо ягон сабабе корашон мебароядду шуморо ба мактаб бурда ё аз мактаб ба хона оварда наметавонанд ва шумо танҳо ба мактаб меравед ё аз мактаб ба хона меоед. Дар ин маврид ба шумо донистан ва риоя кардани қоидаҳои ҳара-

кат дар роҳ ёрӣ мерасонад.

Умедворем, ки шумо “Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ”-ро омӯхта, ба он ҳангоми ҳаракат дар роҳ риоя мекунед ва ба хоҳарону бародарони худ низ омӯхта, риояи онро аз онҳо талаб менамоед. Бо ин восита шумо пеши роҳи ҳар гуна ҳодисаҳои нохуши наклиётиро гирифта, ҳифзи ҳаёти солими худ ва бародарону хоҳарони худро таъмин менамоед.

Бачаҳои азиз! Он расмҳое, ки гирдашон сурх буда ва аломати  гузошта шудааст, маънои онро дорад, ки ин тавр рафтор накунед. Аломати  маънои ба хотир гиред ва аломати  маънои саволро ифода мекунад. Ҳамчунин бо мақсади донистани маънии аломатҳои роҳ дар саҳифаҳои 67 ва 68 шарҳи аломатҳои роҳ дода шудааст.

**Н. Зайниддинов**

# ХАТИ ҲАРАКАТИ
# КӮДАК АЗ ХОНА ТО  БА МАКТАБ



Бо фарорасии соли таҳсили нав шумо, ки акнун ба синни мактабӣ расидаед, бо роҳбаладии калонсолон ба сӯйи мактаб равона мешавед. Ҳаракати шумо дар роҳҳои пиёдагард ва мошингард сурат мегирад. Дар кӯчаву роҳҳо ба анбӯҳи пиёдагардон ва қатори автомобилҳо вомехӯред. Албатта, падар, модар ё бародаронатон шуморо аз роҳ гузаронида, то мактаб гусел мекунанд. Шумо ҳанӯз намедонед, ки аз роҳи мошингард чӣ тавр бояд гузашт.

Агар шумо ба танҳоӣ роҳро гузашта натавонед, бояд аз калонсолон ёрӣ пурсед.

**!** Бачаҳои азиз! Роҳро танҳо аз ҷойҳои муайяншуда гузаред:

– аз пиёдагузар, пайраҳаи пиёдагард ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо аз канори роҳ;

– ҳаргиз аз пеши мошини наздикомада давида нагузаред;

– яку якбора дар қисми мошингарди роҳ пайдо нашавед;

– ҳангоми фурӯзон будани ранги сабзи чароғи роҳнамои пиёдагардон кӯчаро гузаред,

## МАФҲУМҲОИ РОҲ, КӮЧА, ХИЁБОН, ЧОРРОҲА

Ронандагони воситаҳои нақлиёт (автомобил, мототсикл, велосипед) ва одамон аз роҳҳо истифода мебаранд.

Роҳ он қисми кӯча аст, ки барои ҳаракати воситаҳои наклиёт ва одамон сохта шудааст. Роҳ аз қисми мошингард, канори роҳ ва пайраҳаи пиёдагардон иборат мебошад. Роҳҳо хокӣ, регпӯш, мумфарш ва бетонӣ мешаванд.

Кӯча як қисми маҳалли аҳолинишин аст, ки он хонаҳо, роҳи мошингард, роҳҳои пиёдагард, канори роҳ, гулгаштҳо ва дигар иншоотҳоро фаро мегирад.



Дар шаҳру ноҳияҳо кӯчаву хиёбонҳо ба номи шахсони маъруфу машҳури таърихӣ, шоиру нависандагони бузург гузошта шудаанд.

Масалан, кӯчаҳои С. Айнӣ, Б. Ғафуров, М. Қосимов, хиёбонҳои Рӯдакӣ, Сино, Саъдии Шерозӣ, Исмоили Сомонӣ ва ғайра.

Хиёбонҳо низ аз кӯчаҳо, роҳҳои калони мошингард ва гулгаштҳо иборат мебошанд. Хиёбон аз кӯча бо чанд ҷиҳат фарқ мекунад. Чун қоида хиёбон роҳи калону васеъро фаро мегирад ва ба биноҳои калони муҳимми маъмуриву фарҳангӣ бароманд дорад. Роҳи ҳаракати хиёбон паҳнтар буда, аз чандин хати ҳаракат иборат мебошад. Хиёбон рост мешавад, вале кӯча метавонад каҷ бошад. Паҳноии роҳи ҳаракати кӯча метавонад танг бошад. Дар деҳот хиёбон намешавад, вале кӯча дар деҳот низ мешавад. Одатан хиёбонҳо аз майдонҳо, чорроҳаҳои калон ва сарҳади шаҳр оғоз гардида, дар ҳамин гуна ҷойҳо ба охир мерасанд, яъне хиёбон бо бунбаст ба охир намерасад, аммо кӯча метавонад бо бунбаст тамом шавад.

Ҷойи ҳамдигарро бурида гузаштани роҳҳо, ба ҳамдигар пайваст шудан ё ба самтҳо ҷудо шудани онҳоро чорроҳа меноманд.

 

Чорроҳае, ки дар онҳо ҳаракати нақлиёт бо чароғи роҳнамо танзим карда мешавад, чорроҳаи танзимшаванда номида мешавад.

**1. Роҳҳо барои чӣ сохта шудаанд?**
**2. Роҳ аз кӯча чӣ фарқ дорад?**
**3. Хиёбон аз кӯча чӣ фарқ дорад?**
**4. Кӯчае, ки шумо дар он зиндагӣ мекунед, чӣ ном дорад?**
**5. Шумо боз кадом кӯчаҳои маҳалли худро медонед?**
**6. Мактаби шумо дар кадом хиёбон ё кӯча чойгир шудааст?**

## САМТИ ҲАРАКАТИ НАҚЛИЁТ ДАР РОҲ

Ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо яксамта ва дусамта мешавад.

Дар роҳҳои ҳаракати дусамта воситаҳои нақлиёт ба ду тараф ҳаракат мекунанд. Дар

роҳҳои ҳаракати яксамта ҳаракати нақлиёт танҳо дар як самт сурат мегирад.







Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон аз тарафи рости роҳ муқаррар карда шудааст.




**Роҳи пиёдагард**

**Қоида бахри моён**
**Хосса ишора кардаст:**
**Пайраҳа бахри инсон**
**Роҳи пиёдагард аст!**
**Донӣ агар қоида,**
**Бинӣ фақат фоида!**

**Роҳи мошин**

**Роҳи калон – ба мошин**
**Вай ҷойи кори мошин,**
**То ки халал наёбад**
**Гашту гузори мошин.**
**Донӣ агар қоида,**
**Бинӣ фақат фоида!**

**Н. Бақозода**

## ҚОИДАҲОИ ГУЗАШТАН АЗ КӮЧАВУ РОҲҲО

Мувофиқи талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ пиёдагардон бояд бо роҳи пиёдагард ҳаракат кунанд, роҳро фақат аз ҷойи муайянкардашуда, яъне аз гузаргоҳи пиёдагард, гузаргоҳи зеризаминӣ ё аз ҷойҳои махсус, ки барои аз роҳ гузаштани пиёдагардон ҷудо шудааст, гузаранд.

Дар гузаргоҳҳое, ки ҳаракати нақлиёт ва аз роҳ гузаштани пиёдагардон ба воситаи чароғи роҳнамо танзим карда мешавад, аз роҳ ҳангоми сабз будани чароғи роҳнамо гузаштан лозим аст.

Дар хотир доред, ки ҳангоми гузаштан аз роҳ ҳатто дар ҳолати сабз будани чароғи роҳнамо низ бисёр бодиққат бояд бошед. Ба атроф назар кунед, садои мошини наздикшудаистодаро шунавед. Зеро баъзан дар ҳолати зарурӣ ронанда мошинро боздошта наметавонад ва боиси рух додани ҳодисаи нохуш мегардад. Бинобар ин, ҳангоми пурра бозистодани мошинҳо бояд аз гузаргоҳ гузаред.

Дар ҳолати набудани гузаргоҳи пиёдагард шумо бояд роҳро аз ҷое гузаред, ки ҳар ду тарафи роҳ хуб дида шавад. Дар чунин




мавриди роҳро таҳти кунҷи рост гузаштан зарур аст. Чунки масофаи роҳи гузариш кӯтоҳтар ва вақти дар роҳ будани шумо камтар мешавад.

Дар ин ҳолат бояд аввал ба тарафи чапи роҳ назар карда, дар ҳолати набудани воситаҳои нақлиёт то байни роҳ омада, баъд ба тарафи рост нигаред ва дар ҳолати набудани мошин қисмати боқимондаи роҳро гузаред.

Дар ҳолати набудани роҳи пиёдагард шумо бояд аз канори роҳ ҳаракат кунед.

Пиёдагардон бояд бо амалҳои нодурусти худ ба ҳаракати мошинҳо (воситаҳои нақлиёт) халал нарасонанд. Дар акси ҳол рух додани фалокат дар роҳ аз эҳтимол дур нест.






**Аҳлам бигӯяд, дар гузар,**
**Аввал ба сӯйи чап нигар.**
**Дар нимаи дуюми роҳ,**
**Бинмо назар сӯйи дигар.**

Дар хотир дошта бошед, ки дар роҳ ва назди роҳҳои мошингард бозӣ кардан хеле хавфнок буда, қатъиян манъ аст.

Шумо бояд дур аз роҳи мошингард, дар майдончаҳои махсуси барои бозӣ муқарраршудаи назди биноҳо ва майдончаҳои варзишӣ бозӣ кунед.







**1. Роҳро аз куҷо бояд гузашт?**

**2. Ҳангоми аз роҳ гузаштан аввал чӣ бояд кард?**

**3. Оё дар роҳи кӯчаи шумо гузаргоҳи пиёдагард вуҷуд дорад?**

**4. Ҳангоми аз хона ба мактаб рафтан ва аз мактаб ба хона омадан ба шумо аз чанд роҳ гузаштан лозим меояд?**

## ИШОРАҲО БАРОИ ТАНЗИМИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ

Барои танзими ҳаракати нақлиёт ва пиёдагардон дар роҳ яке аз воситаҳои техникии танзими ҳаракат чароғи роҳнамо (светофор) мебошад.



Ранги сурхи чароғи роҳнамо ҳаракатро манъ мекунад. Ба пиёдагард «Исто!» мегӯяд.



Ранги зарди он низ манъкунанда аст. «Таваҷҷуҳ» – тайёр шавед, «ҳоло ба гузаштан рухсат медиҳам» – ишора мекунад ранги зард.



«Роҳ кушода, ҳаракат кунед!»
– мегӯяд  ранги сабзи он.

Чароғҳои роҳнамо барои нақлиёт ва пиёдагардон аслан дар чорроҳаҳо ва гузаргоҳҳои пиёдагард гузошта мешаванд. Чароғи роҳнамо аз се ранги бонавбат фурӯзоншаванда иборат аст: аз боло ранги сурх, дар байн ранги зард ва аз поён ранги сабз.

Ҳар як ранги чароғи роҳнамо як амалеро барои пиёдагардон ва ронандагон ифода мекунад.



Бачаҳои азиз! Агар мо талаботи чароғи роҳнаморо риоя намоем, ҳамеша сафарамон бехатар анҷом меёбад.



Шумо борҳо дидаед, ки як шахси сарулибосаш махсус ва ишорачӯб дар даст байни роҳ истода, ҳар гуна ишораҳо мекунад. Ин шахс корманди Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) буда, нозири роҳ мебошад.

Ӯ дар ҳолати кор накардани чароғи роҳнамо ҳаракати мошинҳо ва пиёдагардонро ба танзим медарорад, яъне вазифаи чароғи роҳнаморо иҷро мекунад.

Чароғаки роҳнамо барои пиёдагардон аксар аз ду ранг: ранги сурх ва ранги сабз иборат мебошад, ки дар дохили ранги сурхи он суроби одами қарористода ва дар дохили ранги сабзи он суроби одами ҳаракаткардаистода акс ёфтааст. Вобаста ба фурӯзон шудани ин ишораҳо пиёдагардон амал мекунанд.



## СЕЧАРОҒИ РОҲНАМО



**Шаҳри зебо шаҳри мо,**
**Пур зи мошин кӯчаҳо.**
**Аз роҳаш чун бигзарем**
**Бемалолу бехато.**

**Роҳнамо бошад ба мо**
**Сечароғи роҳнамо.**
**Ранги сурхаш гӯяд:– ист!**
**Навбати мошинравист!**



Ранги зардаш: – ҳуш дор!
Ҳоло гардӣ роҳсипор.
Сабзаш дар гирад агар,
Марҳамат акнун гузар!
Н. Бақозода

1. Чароғи роҳнамо барои чӣ лозим аст?
2. Чароғи роҳнамо дар кӯчаҳо гузошта мешавад?
3. Ранги сурх, зард ва сабзи чароғи роҳнамо чиро ифода мекунад?
4. Роҳро ҳангоми фурӯзон будани кадом ранги чароғи роҳнамо бояд гузарем?
5. Шумо кадом намудҳои чароғи роҳнаморо дидаед?
6. Вазифаи нозири роҳ аз чӣ иборат аст?
7. Шеъри «Сечароғи роҳнамо»-ро хонда, тартиби кори чароғи роҳнаморо шарҳ диҳед.

## АЛОМАТҲОИ РОҲ

Воситаҳои дигари техникии танзими ҳаракат дар роҳ аломатҳои роҳ мебошанд. Онҳоро ба аломатҳои огоҳкунанда, манъкунанда, иттилоотию ишоратӣ, хизматрасонӣ ва ғайра ҷудо мекунанд.

Ҳар яки онҳо шакли ба худ хос доранд.

Масалан, аломатҳои огоҳкунанда шакли секунҷа ва ҳошияи сурх, аломатҳои манъкунанда шакли доира ва ҳошияи сурх, аломатҳои иттилоотию ишоратӣ ва хизматрасонӣ шакли чоркунҷа доранд.

Ҳамаи аломатҳо дар якҷоягӣ алифбои роҳро ташкил медиҳанд. Дар ҳолати аз худ кардани он талаботи аломатҳои роҳро фаҳмидан мумкин аст.

Аломатҳои роҳ ба ронандагон ва пиёдагардон нишон медиҳанд, ки чӣ гуна амал намоянд.

Барои мисол баъзеи онҳоро нишон медиҳем.

## АЛОМАТҲОИ ОГОҲКУНАНДА

Аломатҳои огоҳкунанда ронандагонро аз наздик расидан ба қитъаи хатарноки роҳ огоҳ мекунанд, то ки барои гузаштан аз он хеле эҳтиёткор бошанд. Масалан, аломати секунҷашакле, ки дар он расми ду бачаи давидаистода тасвир шудааст, аломати «Кӯдакон» мебошад. Ин аломат ронандагонро огоҳ менамояд, ки дар наздикии роҳ муассисаҳои бачагона, ба монанди боғча ва мактаб ҷойгиранд ва дар роҳ пайдо шудани кӯдакон аз эҳтимол дур нест.



Аломати дигар, ки дар он одами ҳаракаткардаистода тасвир шудааст, ронандагонро огоҳ менамояд, ки дар пеш гузаргоҳи пиёдагард ҳаст.



Ҳамин тавр, аломатҳо вобаста ба шаклу тасвирҳояшон иштирокчиёни ҳаракатро огоҳ мекунанд, ки мутобиқ ба онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар хотир бояд дошт, ки аломатҳои секунҷашакли ҳошияашон сурх танҳо барои ронандагон аст. Онҳо ронандагонро пешакӣ огоҳ мекунанд, ки дар наздикӣ гузаргоҳи пиёдагард, муассисаи бачагон ё қитъаи хатарноки роҳ мавҷуд аст ва дар роҳ аз эҳтимол дур нест, ки кӯдакон пайдо шаванд. Бинобар

ин, онҳо бояд суръати ҳаракатро суст карда, бисёр эҳтиёткор бошанд. Дар чунин ҷойҳое, ки ин аломатҳо гузошта шудаанд, роҳро гузаштани пиёдагардон мумкин нест. Пиёдагардон роҳро танҳо аз он ҷое мегузаранд, ки аломати росткунҷаи кабуд бо навиштаҷоти «Гузаргоҳи пиёдагардӣ», «Гузаргоҳи зеризаминии пиёдагардӣ» ё «Гузаргоҳи рӯйизаминии пиёдагардӣ» гузошта шуда бошад.

## АЛОМАТҲОИ МАНЪКУНАНДА

Аломати доирашакле, ки дар дохили он расми одами ҳаракаткунанда хат зада шудааст, ҳаракати пиёдагардро дар минтақаи муайяншуда манъ мекунад.



## АЛОМАТҲОИ ДАСТУРДИҲАНДА

Шакли аломатҳои дастурдиҳанда низ доирашакл буда, ранги кабуд доранд ва дар дохили онҳо тасвир бо ранги сафед аст.

Масалан, аломати мудаввари кабуд, ки дар даруни он расми одами раванда тасвир шудааст, аломати «Пиёдароҳа» буда, танҳо ҳаракати пиёдагардон иҷозат дода мешавад.

   

Аломате, ки дар он велосипед тасвир шудааст, «Пайраҳаи велосипедгард» буда, ҳаракат танҳо ба велосипедҳо ва мопедҳо иҷозат дода мешавад.

## БАЪЗЕ АЛОМАТҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИШОРАТӢ

Аломатҳои иттилоотию ишоратӣ шакли чоркунҷа доранд.

Аломатҳои росткунҷае, ки дар онҳо расми автобус ва таксӣ кашида шудааст,ҷойи исти автобус ва таксиро ифода мекунанд. Аломатҳои росткунҷае, ки дар даруни онҳо одами раванда тасвир ёфтааст, «Гузаргоҳи пиёдагард» ном дорад ва пиёдагардон роҳро бояд маҳз аз ҳамин ҷо гузаранд.

   

## БАЪЗЕ АЛОМАТҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ

Аломатҳои хизматрасонӣ шакли чоркунҷа доранд ва ба ронанда оид ба мавҷуд будани нуқтаҳои хизматрасонӣ дар роҳ маълумот медиҳанд.




**1. Аломатҳои роҳ, барои чӣ лозиманд?**

**2. Шумо боз кадом аломатҳои роҳро дидаед?**

**3. Аломати «Гузаргоҳи пиёдагард» барои чӣ лозим аст?**

**4. Аломати огоҳкунандаи «Кӯдакон» дар куҷоҳо гузошта мешавад ва барои чӣ хизмат мекунад?**

**5. Оё дар ҷойҳое, ки аломати «Кӯдакон» гузошта шудааст, роҳро гузаштан мумкин аст?**

# НИШОНАҲОИ РОҲ

Дар роҳҳои автомобилгард ғайр аз аломатҳои роҳ боз нишонаҳои роҳ мавҷуданд.

Нишонаҳои роҳ хеле бисёранд. Баъзе нишонаҳои асосии роҳро шумо бояд донед. Аз ҳама муҳимтарин нишонае, ки шумо бояд донед, нишонаи барои гузаргоҳи пиёдагардон мебошад. Ин нишонаро дар чорроҳаҳо ва дар ҷойҳое, ки барои аз роҳ гузаштани пиёдагардон муайян карда шудааст, борҳо дидаед. «Гузаргоҳи пиёдагард» бо хатҳои паҳни кӯндаланг нишонагузорӣ мегардад. Нишонаи дигар хати яклухти сафеди байни роҳ аст, ки ин хат самти муқобили ҳаракати нақлиётро ҷудо мекунад. Ба рӯйи ин хат ҳаракат кардани нақлиёт манъ аст.





Бинобар ин, агар пиёдагард дар вақташ роҳро гузашта натавонад, ӯ метавонад дар рӯйи ин хат истад ва пас аз гузаштани мошини наздикомадаистода қисми дигари роҳро гузарад. Дар роҳ хатҳои сафеди фосиладор низ ҳастанд. Ин хатҳо роҳи ҳаракати нақлиётро аз ҳам ҷудо мекунанд. Ронандагон метавонанд ба рӯйи ин хатҳо ҳаракат кунанд. Бинобар ин, дар рӯйи ин гуна хат истодани пиёдагардон мумкин нест.

**1. Нишонаҳои роҳ барои чӣ гузошта мешавад?**

**2. Пиёдагард роҳро аз куҷо бояд гузарад?**

**3. Агар пиёдагард дар вақташ роҳро гузашта натавонад, дар кадом қисми роҳ бояд истад?**

**4. Ҳангоми аз роҳ гузаштан дар кадом қисми роҳ истодани пиёдагард хатарнок аст?**

**5. Шумо боз кадом нишонаҳои роҳро дидаед?**

# ДАР РОҲИ ОҲАН

Бачаҳои азиз, ҳар як воситаи нақлиёт дар замин, об ва фазо роҳи худро дорад. Роҳи ҳавоӣ барои ҳавопаймо (самолёт), роҳи обӣ барои киштиҳо, роҳи заминӣ барои воситаҳои нақлиёти заминӣ ва роҳи оҳан барои қатораҳо муқаррар шудаанд.

Роҳи оҳан аз дохили шаҳрҳо, деҳаҳо гузашта роҳҳоеро, ки дар онҳо воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон ҳаракат мекунанд, бурида мегузарад. Дар роҳҳои оҳан монеаҳо барои пиёдагардон гузошта намешаванд, бинобар ин барои ҳаёти онҳо ин роҳ хавфи калон дорад. Азбаски поезд бисёр вазнин аст ва бо суръати ниҳоят тез ҳаракат мекунад, онро яку якбора боздоштан ғайриимкон аст.



Аз ин рӯ, дар наздикии роҳи оҳан бодиққат ва эҳтиёткор будан лозим аст. Роҳи оҳанро танҳо аз ҷойҳои махсус ҷудокардашуда мегузаранд. Дар ҷойҳои серодам барои гузаштан аз роҳи оҳан кӯпрукҳои махсус сохта мешаванд.

Бачаҳои азиз, ҳангоми дидани поезди наздикомада гузаштан аз роҳи оҳан қатъиян манъ аст.

Дар роҳи оҳан ва наздикии он бозӣ накунед, чунки ин рафторатон барои ҳаёти шумо ниҳоят хавфнок аст!

**Роҳи оҳан– роҳи хос**
**Бахри поезду халос!**
**Бо роҳи оҳан нагард,**
**Бохабар бош, илтимос!**

**Иттифоқо гар зи пас**
**Ояд он оташнафас.**
**Дида аз як ҳайбаташ**
**Мекафад дилҳои кас.**

**Н. Бақозода**

**1. Роҳи оҳан барои чӣ лозим аст?**
**2. Барои чӣ бозӣ кардан дар роҳи оҳан мумкин нест?**

## УҲДАДОРИИ ПИЁДАГАРДОН

Бачаҳои азиз, пеш аз ҳама мо бояд донем, ки пиёдагард кист?

Пиёдагард шахсест, ки дар роҳ  пиёда роҳ

мегардад. Ҳамчунин касоне, ки бо аробачаҳои маъюбии бемуҳаррик, чана, аробачаи бачагона ҳаракат мекунанд, пиёдагард ҳисоб меёбанд.

Пиёдагардон иштирокчии ҳаракат дар роҳ ҳисоб меёбанд. Онҳо бояд қоидаҳои ҳаракат дар роҳро донанд ва ҳангоми ҳаракат дар роҳ ба он риоя кунанд. Пиёдагардон қисми мошингарди роҳро бояд аз гузаргоҳи пиёдагард, аз ҷумла гузаргоҳи зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ, ҳангоми мавҷуд набудани чунин гузаргоҳҳо бо хати пиёдагард ё канори роҳ гузаранд. Дар ҷойҳое, ки ҳаракат бо чароғи роҳнамо ё аз тарафи нозири роҳ танзим карда мешавад, пиёдагардон бояд мувофиқи ишораҳои чароғи роҳнамо ё ишораҳои нозири роҳ амал намоянд.

Пиёдагардон набояд ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт халал расонанд ё монеа эҷод кунанд. Ҳангоми наздикшавии мошинҳое, ки сигнали махсуси овозиашонро ба кор андохтаанд, аз қабили мошинҳои ёрии таъҷилӣ, сӯхторхомӯшкунӣ ва ғайра, пиёдагардон бояд аз гузаштан худдорӣ намуда, аввал ба ин воситаҳои нақлиёт роҳ диҳанд. Пиёдагардон ҳангоми ҳаракат дар пайраҳаи пиёдагард бояд

аз канори рости пайраҳа ҳаракат кунанд, то ки ба ҳаракати пиёдагардони самти муқобил халал нарасонанд.



Берун аз маҳалли аҳолинишин пиёдагардон ҳангоми ҳаракат аз канори роҳ бояд рӯ ба рӯйи самти ҳаракати воситаҳои нақлиёт ҳаракат кунанд. Дар ин ҳолат ронанда пиёдагардро ва пиёдагард автомобилро, ки аз рӯбарӯяш меояд, хуб дида метавонад.

Ҳаракати гурӯҳҳои муташаккили пиёдагардон бо қисми автомобилгарди роҳ танҳо бо самти ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз та-

рафи рост ва на зиёдтар аз чор нафар дар як қатор иҷозат дода мешавад. Аз тарафи пеш ва ақиби гурӯҳ бояд мушойиаткунандагон бо байрақчаҳои сурх, дар торикӣ ва шароити дидашавандагии маҳдуд бо фонусҳои фурӯзон ҳаракат намоянд.



Бачаҳои азиз, риоя намудани чунин қоидаҳо дар роҳ шуморо аз фалокат ва дигар ҳодисаҳои нохуш эмин медорад.

**1. Пиёдагард кист?**

**2. Пиёдагард роҳро бояд аз куҷо гузарад?**

**3. Пиёдагард ҳангоми ҳаракат дар роҳ чиро бояд донад ва риоя кунад?**

**4. Чаро пиёдагард ҳангоми ҳаракат дар пайраҳаи пиёдагардӣ бояд аз канори рост ҳаракат кунад?**

**5. Дар кадом ҳолат пиёдагард бояд аз канори роҳ рӯ ба рӯйи самти ҳаракати воситаҳои нақлиёт ҳаракат кунад ва барои чӣ?**

## ҚОИДАҲОИ АСОСИИ РАФТОРИ БЕХАТАР ДАР КӮЧАВУ РОҲҲО

Бачаҳои азиз! Ҳамин ки шумо аз хона ба роҳ мебароед, пиёдагард ҳастед, вақте ки ба нақлиёти мусофиркаш мешинед, мусофир ҳисоб меёбед.



Мусофирон ҳангоми сафар тасмаҳои бехатарии дар нақлиёт будаpo бояд банданд. Ба нақлиёт савор шудан ва аз он фуромаданро аз тарафи пиёдароҳа ё канори роҳ баъди пурра бозистодани воситаи нақлиёт анҷом

диҳанд. Мусофирон набояд диққати ронандаро ҳангоми ҳаракат ба сӯйи дигар кашанд, даст ё сари худро аз тирезаҳои воситаи нақлиёт ҳангоми ҳаракат ба берун бароранд, зеро ин гуна амалҳо хеле хавфнок буда, боиси сар задани ҳодисаҳои нохуш мегарданд.

Барои он ки кӯчаву роҳро бе хавфу хатар гузаред, бояд ҳатман чунин талаботи ҳаракатро иҷро кунед:

– роҳро танҳо дар ҷойҳои муайяншуда:

– гузаргоҳҳои пиёдагард, гузаргоҳҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо аз ҷойҳое, ки роҳ аз ҳар ду тараф хуб дида мешавад, гузаред;

– аз пеши автомобили наздикомада давида нагузаред;

– аз паси монеаҳои канори роҳ яку якбора ба қисми автомобилгарди роҳ набароед;

– дар ҷойҳое, ки барои пиёдагардон чароғи роҳнамо вуҷуд дорад, кӯчаро ҳангоми фурӯзон будани ранги сабзи он гузаред;

– ҳеҷ гоҳ дар қисмати роҳи автомобилгард бозӣ накунед.



Агар ин талаботро ба ҷо оред, ҳеҷ гоҳ дар роҳ ба фалокат дучор намешавед. Дар акси ҳол рух додани фалокат ногузир аст.

Мутаассифона, баъзе бачаҳо аз назди нақлиёти наздикомадаистода давида гузаштанро қаҳрамонӣ меҳисобанд ва намедонанд, ки нақлиётро яку якбора боздоштан ғайриимкон аст.

Мошин дар як сония, яъне дар як мижа задан, тақрибан 12-15 метрро тай менамояд, аммо пиёдагард дар ин муддат (вақт) ҳамагӣ 1-2 метрро тай мекунад.

Агар шумо роҳро аз ҷойҳое, ки барои пиёдагардон манъ аст, гузаред, он гоҳ рух додани фалокат аз эҳтимол дур нест.





1. Мафҳумҳои пиёдагард ва мусофирро чӣ хел мефаҳмед?
2. Пиёдагардон дар роҳ чӣ гуна бояд ҳаракат кунанд?
3. Пиёдагардон ба кадом амалҳо бояд роҳ надиҳанд?
4. Дар кӯчо бозӣ кардан мумкин нест ва барои чӣ?
5. Барои он ки роҳро бе хавфу хатар гузаред, чӣ бояд кард?

## ЧОРРОҲА ВА НАМУДҲОИ ОН

Чунонки шумо аз дарсҳои гузашта медонед, ҷойи ҳамдигарро бурида гузаштани роҳҳоро чорроҳа меноманд.

Чорроҳаҳо «+» монанд, «У» монанд ва «Т» монанд мешаванд.

Чунонки дар расми зерин мебинед, роҳҳо якдигарро дар як сатҳ мебуранд ва ин чорроҳаи чортарафа ё ҷамъмонанд аст.

Дар чорроҳаи «Т» монанд ду роҳ бо ҳам ба шакли «Т» пайваст мешавад. Ин гуна чорроҳаро чорроҳаи сетарафа меноманд.

Дар чорроҳа аз ҳар тараф автомобилҳо бонавбат ҳаракат мекунанд. Он ҷойи аз ҳама хавфнок ба ҳисоб меравад. Дар чорроҳаи танзимшаванда ҳаракати нақлиёт ва пиёдагардон бо чароғи роҳнамо ё аз тарафи нозири роҳ танзим карда мешавад. Ронандагон ва пиёдагардон бояд дар чорроҳа хеле бодиққат бошанд ва мувофиқи ишораҳои чароғи роҳнамо ё нозири роҳ амал намоянд.

**!** Бинобар ин, чорроҳаро танҳо аз гузаргоҳи пиёдагард ҳангоми фурӯзон будани ранги сабзи чароғи роҳнамо гузаштан лозим аст!







Дар чорроҳаҳое, ки ҳаракати нақлиёт ва пиёдагардон бо чароғи роҳнамо танзим карда намешавад, пиёдагардон чӣ тавр бояд роҳро гузаранд? Пеш аз гузаштан дар канори гузаргоҳи пиёдагард истода, ба тарафи чап ва рост бояд нигарист. Интизор шавед, ки ҳамаи мошинҳои наздикомадаистода гузашта раванд. Онгоҳ зуд-зуд қадам зада роҳро гузаштан лозим аст. Ҳаргиз роҳро давида гузаштан мумкин нест. Ҳамеша ҳангоми гузаштани қисми аввали роҳ нигаристан ба тарафи чап ва аз қисми дуюми роҳ нигаристан ба тарафи рости роҳро фаромӯш накунед.

**1. Чӣ гуна ҷойро чорроҳа меноманд?**
**2. Кадом намудҳои чорроҳаро медонед?**
**3.Чорроҳаи танзимшаванда аз чорроҳаи танзимнашаванда чӣ фарқ дорад?**

## ИШОРАҲОЕ, КИ АЗ ТАРАФИ РОНАНДАГОН ДОДА МЕШАВАНД

Тавре ки шумо мушоҳида кардед, тамоми намуди автомобилҳо, чӣ боркашу сабукрав ва чӣ мусофиркаш (автобусу троллейбус) чароғи нурафкани гуногунранг доранд. Дар пеши мошинҳо чароғҳо ранги сафед ва зард, дар қафо ранги сурх ва зард доранд.






Чароғҳои калони сафеди пеши автомобилҳо барои шабона равшан намудани роҳ хизмат мекунанд.

Чароғҳои сурхи ақиби автомобилҳо ҳангоми фурӯзон шудан боздоштани воситаи

наклиётро нишон медиҳанд.

Ин чароғҳо барои чӣ хизмат мекунанд? Ронандагон ба воситаи ин чароғҳо ронандагони дигар ва пиёдагардонро аз амали худ пешакӣ огоҳ месозанд.

Агар чароғҳои зарди чашмакзананда аз тарафи чапи пешу қафо фурӯзон шаванд, ин чунин маънӣ дорад, ки ронанда автомобили худро ба тарафи чап мегардонад.

Агар чароғи зарди чашмакзанандаи тарафи рост фурӯзон шавад, он гоҳ мо пай мебарем, ки ронанда автомобили худро ба тарафи рост гардондан мехоҳад.





**1. Чароғҳои зарди чашмакзананда барои чӣ хизмат мекунанд?**
**2. Агар ронанда мошинро ба тарафи чап гардониданӣ бошад, кадом чароғҳоро фурӯзон мекунад?**
**3. Воситаҳои наклиёт боз чӣ гуна чароғҳо доранд?**

# МО – МУСОФИР

Бачаҳои азиз! Шумо борҳо дар кӯчаву роҳҳои автомобилгард троллейбусу автобусҳои хурду калон ва гуногунро дидаед, ки мусофиронро ба манзил мебаранд. Чунин воситаҳои нақлиёт воситаҳои нақлиёти мусофирбар номида мешаванд. Онҳоро дар ҷойҳои махсус, истгоҳҳо, ки аз сатҳи роҳ каме баландтар ҷойгиранд ва барои мусофирон нисбатан ҷойи бехавфанд, интизор шудан лозим аст.

Дар сурати мавҷуд набудани истгоҳ нақлиёти мусофиркашро берун аз қисми мошингарди роҳ, канори роҳ интизор шудан лозим аст. Ҳаргиз дар рӯйи роҳ, яъне қисми мошингарди роҳ истода, нақлиётро интизор шудан мумкин нест.



Мусофирон ба автобус ё троллейбус бояд бонавбат савор шаванд: аввал пирону калонсолон, занон, баъд наврасон. Занҳои кӯдакдор бояд аз дари пеш савор шаванд. Дар даруни автобус ё троллейбус бозиву мағал кардан ё дасту сари худро аз тирезаҳои он берун баровардан мумкин нест. Ба пирону калонсолон ва занҳое, ки кӯдаки хурдсол доранд, бояд ҷой диҳем.



**1. Киро мусофир меноманд?**
**2. Дар даруни нақлиёти мусофиркаш чӣ гуна бояд рафтор кард?**
**3. Нақлиёти мусофиркашро дар куҷо бояд интизор шавем?**

## УҲДАДОРИИ МУСОФИРОН

Дар асоси талаботи ҳаракат дар роҳ мусофирон уҳдадоранд, ки:

– ба воситаи нақлиёт савор шудан ва аз он фуромаданро аз тарафи пиёдароҳа ё канори роҳ ва танҳо баъди пурра бозистодани воситаи нақлиёт анҷом диҳанд;

– нақлиёти мусофиркашро танҳо дар истгоҳҳо ва дар ҳолати набудани онҳо нақлиётро берун аз қисми автомобилгарди роҳ, дар канори роҳ интизор шаванд;

– аз тирезаҳои автобусҳо кашол нашаванд;

– ба нақлиёти мусофиркаш, яъне автобусу троллейбусҳо аз дари қафо савор шуда, аз дари пеш фуроянд;

– ҳангоми ҳаракат дари нақлиёти мусофиркашро худсарона накушоянд.

–бачаҳо дар дохили автобусу троллейбус бояд боинтизом бошанд, ба пирону калонсолон роҳу ҷой диҳанд, бозиву мағал накунанд ва аз тирезаҳо дасту сарашонро берун набароранд.




Истгоҳҳо дар наздикии гузаргоҳҳои зеризаминӣ, пиёдагард ва чорроҳаҳо ҷойгиранд.

Бинобар ин, аз нақлиёт фуромада, то чорроҳа ё гузаргоҳ рафта, роҳро танҳо аз он ҷо гузаштан лозим аст.

Баъди фуромадан аз нақлиёти мусофиркаш роҳро бояд аз гузаргоҳ ва дар ҳолати дар наздикӣ набудани гузаргоҳ аз тарафи қафои автомобил гузаранд.

**1. Дар кадом ҳолат ба нақлиёти мусофиркаш савор шудан мумкин аст?**
**2. Мусофирон бояд аз кадом дар ба автобус ё троллейбус савор шаванд ва аз кадом дар фуроянд?**
**3. Дар дохили автобус ё троллейбус ба кадом амалҳо роҳ додан мумкин нест?**
**4. Пас аз фуромадан аз автобус ё троллейбус роҳро бояд аз куҷо гузаред?**

# МОШИНҲОИ ТАЪЙИНОТИ МАХСУС

Бачаҳои азиз! Ҳангоми сайругашт дар кӯчаҳо мошинҳоеро, ки сигналҳои (бонги) овозӣ ва чароғҳои милтосии сурху сабз доранд ва бо суръати тез ҳаракат менамоянд, мушоҳида кардаед.

Ин автомобилҳо аз хадамоти оташнишонӣ, ёрии таъҷилии тиббӣ ва милитсия мебошанд.

Автомобили хадамоти оташнишонӣ ё сӯхторхомӯшкунӣ ранги сурх дорад, чунки ин ранг диққатҷалбкунанда мебошад.




Дар паҳлуи дарҳои кабинаи ин мошинҳо рақами «01» навишта шудааст, ки ин рақами телефони хадамоти оташнишонӣ мебошад.

Мақомоти корҳои дохила, яъне «милитсия» низ аз чунин автомобилҳои махсус истифода мебарад. Ранги ин автомобилҳо сафед ё зард буда, навиштаҷоти «милитсия» доранд.

Дар паҳлуи дарҳои кабинаи ин мошинҳо рақами «02» навишта шудааст. Дар болои онҳо чароғҳои милтосии рангашон сурху кабуд ва сабз васл шудааст.




Автомобилҳои хизматии Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) низ ба қатори мошинҳои таъйиноти махсус дохил мешаванд. Ин автомобилҳо ҳангоми ба ҷойи ҳодиса шитоб доштан, мушойиати корвони мошинҳои меҳмонони олиқадр ва қатори мошинҳое, ки одамонро мекашонанд аз сигналҳои овозии махсус ва чароғҳои милтосӣ истифода мебаранд.

Ба қатори автомобилҳои таъйиноти махсус автомобилҳои мақомоти тандурустӣ низ дохил мешаванд. Инҳо автомобилҳои «Ёрии таъҷилии тиббӣ» мебошанд, ки ранги сафед дошта, дар паҳлуҳояшон тасмаи сурх ва рақами «03» кашида шудааст.




Агар чунин автомобилҳо сигналҳои овозӣ ва чароғҳои милтосияшонро ба кор андохта бошанд, пиёдагардон ва ронандагони дигар воситаҳои нақлиёт вазифадоранд, ки ба онҳо роҳ диҳанд, то ки онҳо ба ҷойи ҳодиса сари вақт расида тавонанд. Пиёдагардон бояд қисми автомобилгарди роҳро зуд озод намуда, ба канори роҳ ва ё роҳи пиёдагард бароянд.

**1. Ба мошинҳои таъйиноти махсус кадом мошинҳо дохил мешаванд?**
**2. Онҳо ҳангоми ба ҷойи ҳодиса шитоб кардан аз кадом сигналҳо истифода мебаранд?**
**3. Чаро пиёдагардон ва ронандагон ба ин гуна мошинҳо бояд роҳ диҳанд?**
**4. Дар кадом ҳолат ин гуна мошинҳо сигналҳои овозӣ ва чароғҳои милтосияшонро ба кор меандозанд?**

# БОЗРАСИИ ДАВЛАТИИ АВТОМОБИЛӢ (БДА)

Бачаҳои азиз! Шумо медонед, ки дар роҳҳои шаҳру ноҳияҳо автомобилҳои гуногунтамғаи калони боркаш ва автомобилҳои сабукрав дар равуоянд.







Барои он ки дар роҳ тартибу низом риоя шавад ва ҳаракати бехатари онҳо таъмин гардад, мақомоти Бозрасии давлатии авто-

мобилӣ – БДА фаъолият мекунанд. Ин мақомоти махсуси Вазорати корҳои дохила, яъне милитсия мебошад. Кормандони БДА ба риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ назорат мебаранд. Онҳо дар роҳ ҳаёти одамонро аз хатар муҳофизат мекунанд.



Кормандони БДА мошинҳои махсус доранд, ки бо таҷҳизоти баландгӯяк, равшанидиҳанда, манбаи алоқа ва ғайра ҷиҳозонида шудаанд. Амри чунин автомобилҳоро ронандагону пиёдагардон бояд ҳатман иҷро кунанд.



**1. Ба риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ кӣ назорат мебарад?**
**2. БДА чӣ маъно дорад?**
**3. Мошинҳои Базрасии давлатии автомобилӣ аз дигар мошинҳо бо чӣ фарқ мекунанд?**
**4. Мошинҳои БДА ба кадом гурӯҳи воситаҳои нақлиёт дохил мешаванд?**

# ҚОИДАВАЙРОНКУНИҲОЕ, КИ БОИСИ РУХ ДОДАНИ ФАЛОКАТ ДАР РОҲ МЕГАРДАНД

Бачаҳои азиз! Ҳодисае, ки бо иштироки ҳатто як воситаи нақлиёти дар ҳаракатбуда рух дода, боиси ҳалокат ё захмӣ шудани одамон, зарар дидани воситаҳои нақлиёт ва дигар иншоотҳо мегарданд, фалокати роҳу нақлиёт номида мешавад.



Чунин ҳодисаҳоро метавон фалокати роҳу нақлиёт номид:

– ба ҳам бархӯрдани воситаҳои нақлиёт;

– пиёдагардро зер кардани воситаи нақлиёт;

– бархӯрдан ба монеаҳои канори роҳ, яъне симчӯб, нақлиёти дар роҳ истода ва ғайраҳо.

Фалокати роҳу нақлиёт ҳам бо айби ронандагон ва ҳам бо айби пиёдагардон метавонад ба амал ояд. Ронандагон ҳангоми бо суръати тез ҳаракат кардан, ба ронандаи дигар роҳ надодан, қоидаи гузаштан аз чорроҳаро

риоя накардан, ҳангоми сурх будани чароғи роҳнамо гузаштан, дар ҳолати мастӣ идора намудани воситаи нақлиёт ба фалокати роҳу нақлиёт дучор меоянд.





Фалокатҳои роҳу нақлиёт инчунин бо сабабҳои аз тарафи пиёдагардон вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат ба амал меоянд.

Масалан, агар пиёдагард роҳро аз ҷойҳое, ки барои гузаштан манъ аст ё ҳангоми сурх будани чароғи роҳнамо гузарад яку якбора аз паси монеаҳо ба қисми мошингарди роҳ бароянд, аз пеши мошини наздикомада дави-да гузарад. Инчунин ҳангоми дар қисмати автомобилгарди роҳ бозӣ кардани кӯдакону наврасон рух додани фалокати роҳ аз эҳти-мол дур нест.

**1. Чӣ гуна ҳодисаро фалокати роҳу нақлиёт номидан мумкин аст?**
**2. Кадом сабабҳо метавонад боиси рух додани фалокати роҳу нақлиёт гардад?**
**3. Пиёдагардон барои пешгирӣ аз фалокати роҳу нақлиёт бояд ба кадом қоидавайронкуниҳо роҳ надиҳанд?**

## НИГОҲ ДОШТАНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Бачаҳои азиз! Барои чӣ автомобилро яку якбора боздошта намешавад? Барои он ки вазн ва суръати ҳаракати автомобил хеле зиёд аст.

Вақте ронанда хавфро ҳис менамояду мошинро боздоштанӣ мешавад, як муддати муайян мегузарад. Ин муддат хеле кӯтоҳ бошад ҳам, ҳаёти инсонро ҳал мекунад.

Роҳе, ки автомобил ҳангоми монеаро дидани ронанда то ба пуррагӣ бозистодани он ҳаракат мекунад, изи тормоздиҳӣ меноманд. Дарозии он аз суръати мошин вобаста аст. Масалан изи тормоздиҳӣ ҳангоми 40км/с 13,1 м-ро ташкил медиҳад. Бинобар ин, мошини ҳаракаткунандаро яку якбора дар ҷояш боздоштан номумкин аст. Агар шумо роҳи автомобилгардро ба тарафҳо нигоҳ накарда, алалхусус дар ҷойҳое, ки барои гузаштани пиёдагардон манъ аст, аз пеши автомобили 12-15м наздикомада гузаред, он гоҳ рух додани фалокат ногузир аст.








Ҳаргиз аз пеши автомобили наздикомада давида нагузаред, зеро ин хатарнок аст!

**1. Чаро мошини ҳаракаткардаистодаро яку якбора боз дошта намешавад?**
**2. Изи тормоздиҳӣ чӣ маънӣ дорад?**

## НАМУДҲОИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Бачаҳои азиз! Шумо борҳо дар кӯча ва роҳҳо мошинҳои калону хурд ва рангорангро дидаед.

Мошинҳоро ба гурӯҳи мошинҳои боркаш, сабукрав ва мусофиркаш ҷудо мекунанд.





Мошинҳои калоне, ки бордонҳои гуногун доранд, мошинҳои боркаш номида мешаванд. Ин мошинҳо борҳои кишоварзӣ, мардум ва корхонаву идораҳоро мекашонанд.

Ба ин гуна автомобилҳо «Белаз», «Камаз», «Зил», «Газ» ва ғайра дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи автомобилҳои сабукрав «Волга», «Жигули», «Москвич», «Чайка», «Нива», «Тайота», «Мерседес», «Некси», «Опел», «Камри», «Лексус», «Хундай», «Ландкрузер», «Нисан» ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи воситаҳои наклиёти мусофиркаш автобусҳои хурд – «Уаз», «Газел», автобусҳои калон – «Газ», «Кавз», «Лаз», «Икарус», «Троллейбус», «Автобус» ва ғайра дохил мешавад.

Бояд қайд кард, ки велосипед, велосипедҳои мотордор, мототсиклҳо, аробачаҳои маъюбӣ, мотороллерҳо низ ба воситаҳои нақлиёт дохил мешаванд.

**1. Кадом намуди воситаҳои нақлиётро медонед?**
**2. Автобус ва троллейбус ба кадом намуди воситаҳои нақлиёт дохил мешаванд?**

## ИСТИФОДАИ ДУРУСТИ ВЕЛОСИПЕД



Бачаҳои азиз! Ҳар шахс дар овони хурдсолӣ велосипедсавориро дӯст медорад.

Дар навбати худ, велосипед низ ба воситаи нақлиёт мансуб буда, шахсе, ки онро идора мекунад, ронанда ҳисобида мешавад.

Дар асоси талаботи «Қоидаи ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» танҳо пас аз синни 14-солагӣ наврасон метавонанд бо велосипед ба роҳи автомобилгард бароянд. Пеш аз ҳама, онҳо бояд одитарин талаботи қоидаи идора намудани велосипедро донанд, то ки сабабгори сар задани фалокат дар роҳ нагарданд.



Пас, хурдсолони азиз, чунон ки огоҳ шудед, то синни 14-солагӣ бо велосипед ба роҳи мошингард баромадани шумо қатъиян манъ аст!



Бинобар ин, то синни 14-солагӣ танҳо дар ҳавлӣ, майдон ва майдончаҳои варзишӣ велосипедсаворӣ кардан мумкин аст.

Қоидаи ҳаракат дар роҳ амалҳои зерини ронандагони велосипедро манъ менамояд:

– суккон (рул)-ро бо як даст дошта ҳаракат кардан;

– интиқоли мусофирон, ба ғайр аз тифлони то 7- сола, дар нишастгоҳи иловагӣ, ки бо поймонак муҷаҳҳаз нест;

–ҳаракат намудан аз қисми автомобилгарди роҳ дар сурате, ки дар канори роҳ пайроҳаи велосипедронӣ мавҷуд аст;

–кашида бурдани велосипедҳо бо дигар воситаҳои нақлиёт.

**1. Дар куҷо велосипедсаворӣ кардан мумкин ва дар куҷо мумкин нест?**

**2. Аз синни чандсолагӣ бо велосипед дар роҳи мошингард баромадан иҷозат дода мешавад?**

## ҲАРАКАТИ ГУРӮҲИИ ХОНАНДАГОН ДАР РОҲ

Дар аксар мавридҳо мактаббачагон гурӯҳ шуда, ба театр, осорхона, намоишгоҳ ва сайру саёҳат мераванд. Дар чунин ҳолатҳо дар

кӯчаву роҳҳои автомобилгард чӣ гуна бояд ҳаракат намоянд? Пеш аз ҳама, бачаҳо бояд ба як ё ду қатор саф кашанд. Онҳоро шахсони мутасаддӣ роҳбаладӣ намоянд.

Шахсони мушойиаткунанда аз пешу қафои қатор бо байрақчаҳои сурх дар даст ҳаракат мекунанд. Гурӯҳ бояд аз тарафи рости роҳи пиёдагард ҳаракат кунад.



Дар ҳолати набудани роҳи пиёдагард гурӯҳ бояд ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт халал нарасонида, аз канори роҳ ҳаракат намояд.




Кӯдакону наврасон бояд ҳангоми ҳаракати муташаккил (гурӯҳӣ) супоришҳои шахсони мушойиаткунанда (роҳбалад)-ро иҷро намоянд. Бе иҷозати онҳо аз қатор набароянд.



Ба кӯдакону наврасон аз қатор баромадан ё ба дигар пиёдагардон халал расонидан манъ аст.

Ҳангоми гузаштан аз гузаргоҳи пиёдагардон ҳатман ба ишораи чароғ ё нозири роҳ итоат намудан лозим аст. Шахсони мушойиаткунанда то роҳро пурра гузаштани гурӯҳ ҳаракати мошинҳоро боз медоранд.

Агар ҳаракат дар чорроҳа ё гузаргоҳ аз тарафи нозири роҳ танзим карда шавад, нозир то роҳро ба пуррагӣ гузаштани гурӯҳ ҳаракати воситаҳои нақлиётро боз дошта, бехатарии кӯдакону наврасонро таъмин мекунад.

Бояд дар хотир дошт, ки ҳаракати муташаккил дар кӯчаву роҳҳои автомобилгард шабона қатъиян манъ аст.

**1. Гурӯҳ бояд бо кадом роҳ ҳаракат намояд?**

**2. Ҳаракати муташаккил (гурӯҳӣ) дар роҳҳои автомобилгард кадом вақт манъ аст?**

**3. Вазифаи шахсони мушойиаткунанда аз чӣ иборат аст?**

# ҲАРАКАТИ ПИЁДАГАРДОН ДАР КӮЧАВУ РОҲҲОИ МОШИНГАРД ДАР ШАРОИТИ НОМУСОИДИИ ОБУ ҲАВО

Шароитҳои номусоидии обу ҳаво дарачаи биниши ронандагон ва пиёдагардонро маҳдуд мегардонад. Масалан, ҳангоми фарорасии торикӣ ва боридани барфу борон шишаҳои пеши автомобилҳо хира шуда, ронандагон ашёи сари роҳро хуб дида ва дарк карда наметавонанд.



Беҳтар он аст, ки хонандагон дар чузвдон ва сару либоси худ тасмачаҳои нургардон часпонанд, чунки ҳангоми ба он расидани

равшании чароғи автомобил ронанда огоҳ мешавад, ки дар роҳ монеае вуҷуд дорад.



Бачаҳои азиз! Ҳангоми фарорасии торикӣ ё номусоидии обу ҳаво дар ҷойҳои норавшани роҳ ба қисми автомобилгард набароед, чунки ронанда шуморо аз дурӣ дида ва дар ҳолати зарурӣ мошинро боздошта наметавонад. Дар вақти боридани барф дар роҳ ва шафати он бозӣ накунед, ҳаёти худро зери хатар нагузоред, зеро роҳ лағжонак мешавад ва сари вақт нигоҳ доштани мошин хеле мушкил ва ҳатто ғайриимкон мегардад. Бо ин коратон шумо ҳаёти худро зери хатар мегузоред.

## ИНТИҚОЛИ (КАШОНИДАНИ) МАКТАББАЧАГОН

Дар шаҳр ва маркази ноҳияҳо барои интиқоли мусофирон одатан автобусу троллейбусҳо ва автомобилҳои сабукрав хизмат мерасонанд. Барои аз хона то мактаб ва аз мактаб то ба хона бурдану овардани кӯдакон автобусҳои махсус муқаррар карда шудааст.

Дар шароити роҳҳои кӯҳистони Тоҷикистон дар маҳалҳои аҳолинишин, ки гаштугузори наклиёти мусофиркаш (автобусҳо) иҷозат дода намешавад, одамон ба воситаи наклиёти боркаш, ки махсус барои интиқоли одамон таҷҳизонида мешавад, аз манзил ба манзиле расонида мешаванд.



Ин гуна автомобилҳо бо аломати иловагии «Интиқоли кӯдакон», ки шакли чоркунҷа дошта, дар дохили он сурати ду бачаи давидаистода акс ёфтааст, ишора карда шудаанд. Чароғҳои наздикбини ин гуна автомобилҳо бояд ҳангоми ҳаракат фурӯзон бошанд.

Кӯдакону наврасон бояд аз канори роҳ, пиёдароҳа ё қафои (ақиб)-и автомобил аз зинапоя ба он савор шаванд.

Ҳангоме ки ҳама ба дохили автомобил медароянд, бояд дар ҷойҳои нишаст биншинанд. Дар роҳ ҳангоми ҳаракат супоришҳои шахсони роҳбаладро бояд иҷро намоянд.






Дар вақти ҳаракати нақлиёт аз ҷой хестан, дар болои девори бордон (бортҳо) нишастан, аз як ҷо ба ҷойи дигар гузаштан манъ аст.

Аз автомобил танҳо аз тарафи пиёдароҳа фуромадан лозим аст.





Бачаҳои азиз! Аз болои девори бордон (борт) ба қисми автомобилгарди роҳ ҷаҳидан ба ҳаёт ва саломатиатон хавфнок аст, чунки ба зери чархи мошини ҳаракаткунандаи дигар мондан мумкин аст.

**1. Кӯдакон аз кучо ва чӣ тавр бояд ба автомобил савор шаванд?**

**2. Дар даруни автомобил чӣ гуна рафтор намоянд?**

**3. Ҳангоми ҳаракати автомобил кадом амалҳо манъ аст?**









# АЛОМАТҲОИ РОҲ

## АЛОМАТҲОИ ОГОҲКУНАНДА


Танзими ҳаракат тавассути чароғи роҳнамо


Гузаргоҳи пиёдагард


Кӯдакон


Убури пайраҳаи велосипед


Корҳои роҳсозӣ

## АЛОМАТҲОИ МАНЪКУНАНДА


Даромадан манъ аст


Ҳаракат манъ аст


Ҳаракати мототсиклҳо манъ аст


Ҳаракати пиёдагардон манъ аст


Ҳаракати велосипед манъ аст

## АЛОМАТҲОИ ДАСТУРДИҲАНДА


Ҳаракати давродавр


Ҳаракати автомобилҳои сабукрав


Пайраҳаи велосипедгард


Пиёдараҳа

## АЛОМАТҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ


Нуқтаи ёрии аввалияи тиббӣ


Чойи хӯрокхӯрӣ


Оби нӯшокӣ



Пости «БДА»

# АЛОМАТҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИШОРАТӢ



Гузаргоҳи зеризаминии пиёдагардӣ



Гузаргоҳи рӯизаминии пиёдагардӣ



Гузаргоҳи пиёдагардӣ



Ҷойи исти автобус (ё) троллейбусе



Ҷойи исти трамвай




Таваққуфгоҳи таксиҳои сабукрав

# АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ



Маъюб




Воситаи нақлиёти таълимӣ



Интиқоли кӯдакон



Ронандаи ношунаво



Бори хатарнок



Воситаи нақлиёти дароз



Бори калонҳаҷм

# ИШОРАЧӮБИ ТАНЗИМГАР ВА ЧАРОҒҲОИ РОҲНАМО БАРОИ ПИЁДАГАРДОН



Ишорачӯби танзимгар



Доирачаи сурхи нургардон



Чароғак барои пиёдагардон

## БА ХОТИР БИЁРЕД!

- пиёдагардон бояд танҳо бо тарафи рости пиёдароҳа ҳаракат бикунанд, то ки ба дигар пиёдагардон халал нарасонанд.
- дар роҳҳои автомобилгарди берун аз маҳалли аҳолинишин бояд аз канори роҳ ба муқобили ҳаракати нақлиёт ҳаракат намуд, то ки шумо мошинро ва ронанда шуморо хуб дида тавонад.
- чорроҳа–ҷойи хавфноктарин дар роҳ ба ҳисоб меравад, бинобар ин аз чорроҳа танҳо бо гузаргоҳи пиёдагард ва ҳангоми сабз будани чароғаки пиёдагард гузаштан мумкин аст.
- пеш аз он ки кӯчаро гузаред, аввал ба тарафи чап нигаред. Агар қисми мошингарди роҳ озод бошад, он гоҳ роҳро гузаред. Ҳангоми ба миёнаи (байни) роҳ омадан ба тарафи рост нигаред, агар дар наздикӣ нақлиёт набошад, он гоҳ роҳро боэҳтиёт гузаред.
- дар хотир дошта бошед, ки то 14- солагӣ бо велосипед ба роҳи мошингард баромадан манъ аст.
- велосипедрон ҳангоми ҳаракат бояд дастони худро аз рул (суккон) нагирад ва аз

қафои мошинҳои ҳаракаткардаистода надорад.

● ҳеҷ вақт роҳро аз пеши мошини наздикомада давида нагузаред, чунки аз ҳама ронандаи ботаҷриба ҳам мошинро сари вақт боздошта наметавонад.

● дар назди роҳҳои автомобилгард бозӣ кардан мумкин нест. Барои бозӣ ҷойи махсус ҷудо карда шудааст.









# МУНДАРИЧА

Сарсухан.......................................................................3
Хати ҳаракати кӯдак аз хона то ба мактаб...6
Мафҳумҳои роҳ, кӯча, хиёбон, чорроҳа .................7
Самти ҳаракати нақлиёт дар роҳ.........................10
Қоидаҳои гузаштан аз кӯчаву роҳҳо.....................12
Ишораҳо барои танзими ҳаракат дар роҳ.............15
Аломатҳои роҳ..............................................................19
Нишонаҳои роҳ ...........................................................25
Дар роҳи оҳан ...............................................................27
Уҳдадории пиёдагардон .............................................28
Қоидаҳои асосии рафтори бехатар дар кӯчаву роҳ ҳо.......................................................................................32
Чорроҳа ва намудҳои он..............................................35
Ишораҳое, ки аз тарафи ронандагон дода мешаванд..............................................................................38
Мо – Мусофир................................................................40
Уҳдадории мусофирон..................................................42
Мошинҳои таъйиноти махсус......................................44
Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) ................47
Қоидавайронкуниҳое, ки боиси рух додани фалокат дар роҳ мегарданд..............................................49
Нигоҳ доштани воситаҳои нақлиёт............................51
Намудҳои воситаҳои нақлиёт......................................53
Истифодаи дурусти велосипед.....................................55
Ҳаракати гурӯҳит хонандагон дар роҳ......................57
Ҳаракати пиёдагардон дар кӯчаву роҳҳои мошингард дар шароити номусоидии обу ҳаво.............................61
Интиқоли (кашонидани) мактаббачагон................63
Аломатҳои роҳ...............................................................67

**НАҶМИДДИН ЗАЙНИДДИНОВ**
**ҲАБИБУЛЛО МУНАВВАРОВ**

# ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ

Китоб барои дарсҳои тарбиявии
хонандагони синфҳои 1 – 2-юми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Музаффар Холов |
| Мусаҳҳеҳ | Меҳрӣ Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қобилҷон Саъдуллоев |
| Тарроҳ | Қосимхуҷа Назаров |

Ба чоп 17.01.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60х90 1/16. Ҷузъи чопӣ 4,5.
Адади нашр 200000 нусха.
Супориши № 08/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50.
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ “Орбита”
ба табъ расидааст